

# Вохӯрии фаромӯшнопазир

*Ҷалол Икромӣ устод Садриддин Айниро эҳтиром намуда, хотираи некашро ҳамеша пос медошт. Ӯ ҳар сол дар ҷашнгирии зодрӯзи устод сарвар буда, ба бисёр гӯшаю канори мамлакатҳо сафар мекард.*

*Устод Ҷалол Икромӣ ба муносибати ҷашни зодрӯзи Садриддин Айнӣ 14-апрели соли 1986 бо ташаббуси адиби шинохтаи Сурхондарё Чоршанбеи Деҳнавӣ ва омӯзгори ҳамин мактаб Чорихӯҷа Рӯзимуродов ба мактаби №64-и ноҳияи Деҳнав ташриф оварда буд. Ба тадбир шоири шинохтаи тоҷик Бозор Собир, журналисти аксбардор шодравон Муҳиддин Олимпур, шоирон ва адибони сурхондарёӣ Чоршанбеи Деҳнавӣ, Сулаймон Хоҷаназар, Холбой Ҷалил ва дигарон файз бахшида буданд.*

*Ҷалол Икромӣ ба хонандагони мактаб ва омӯзгорон дар ҳаққи устод бо самимият ҳарф мезад. Он рӯз дар поёни вохӯрии зебо хонандагон ва омӯзгорони мактаб, ҳамроҳи адибон барои хотира ба сурат афтода буданд. Ин воқеаи таърихӣ то ҳол вирди забони мардум аст. Аксҳои бардоштаи шодравон Муҳиддин Олимпур дар бойгонии мактаб нигоҳ дошта мешавад. Инак, мо хостем яке аз аксҳоро барои дӯстдорону мухлисони адабиёти тоҷик тавассути рӯзномаи «Овози тоҷик» пешниҳод намоем.*

*Бошад, ки чунин вохӯриҳои таърихӣ бо мардум ва шогирдони мактабҳо боз сурат гиранд.*

***Норбибӣ РӮЗИМУРОДОВА,***
*омӯзгори мактаб, ноҳияи Деҳнав.*

*Дар акс:* ***дар қатори якум*** *(аз чап ба рост) Нависандаи мардумии Тоҷикистон* ***Ҷалол Икромӣ****, нависанда* ***Чоршанбеи Деҳнавӣ****, омӯзгори мактаб* ***Чорихӯҷа Рӯзимуродов****, мудири шӯъбаи маорифи ноҳия шодравон* ***Карим Қодиров****.*

***Дар қатори дуюм:*** *Қаҳрамони Ӯзбекистон, раиси хоҷагии ба номи С.Раҳимов* ***Иброҳим Файзуллаев****, сардори мактаб* ***Маманазар Абдураҳмонов****, шоир* ***Сулаймон Хоҷаназар****, устод* ***Бозор Собир****, таронасаро* ***Холбой Ҷалил****.*

***Аксбардор: Муҳиддини ОЛИМПУР. (Аз бойгонӣ).***

## Султон МУРОД (Султонмурод ОЛИМОВ)

### Кист суфӣ?

**Мунозираи ду шайх**

*—Дӯстонам бешуморанд,*
*Нест андак ҳам муридон.*
*Сӯфӣ моем,*
*ё ки ту?*

*—Душманонам даста-даста,*
*Қотилонам як ҷаҳон.*
*Сӯфӣ моем,*
*ё ки ту?*

### «Худбинӣ»-и падарам

*Хоҳишам аз Худо,*
*Бошад ин, ай писар.*
*Кош, аз модарат,*
*Ман равам пештар.*

### Гулбутта [1]

*Аё гулбутта, гулбутта,*
*Бигардон сӯи мо рӯта.*
*Ғанимат дон нафасҳоро,*
*Бидеҳ авҷе ҳавасҳоро.*

*Аё гулбутта, губутта,*
*Бигардон сӯи мо рӯта.*
*Биафшон атри буёро,*
*Биларзон тори дилҳоро.*

*Аё гулбутта, гулбутта,*
*Бигардон сӯи мо рӯта.*
*Даме бо соқии дил соз,*
*Ба соғарҳо гулоб андоз.*

*Аё гулбутта, гулбутта,*
*Бигардон сӯи мо рӯта.*
*Гиреҳи дард во гардад,*
*Ҷаҳон бар коми мо гардад.*

*Аё гулбутта, гулбутта,*
*Бигардон сӯи мо рӯта.*
*Диле ҷӯву даре бикшо,*
*Намо роҳи тариқатро.*

*Аё гулбутта, гулбутта,*
*Бигардон сӯи мо рӯта.*
*Бигӯ: «Сели бало гардон,*
*Баҳоуддин Балогардон».*

*Аё гулбутта, гулбутта,*
*Бигардон сӯи мо рӯта.*
*Набошад ғафлати як дам,*
*Ки бошад «ҳуши мо*
*дар дам».* [2]

*Аё гулбутта, гулбутта,*
*Бигардон сӯи мо рӯта.*
*Шароби дам ба дам бошад,*
*«Назарҳо дар қадам бошад».*

*Аё гулбутта, гулбутта,*
*Бигардон сӯи мо рӯта.*
*Фидо ин ҷону тан бошад,*
*«Сафар андар ватан» бошад.*

*Аё гулбутта, гулбутта,*
*Бигардон сӯи мо рӯта.*
*Раҳи халқу ватан бикшо,*
*Ба «хилват анҷуман» бинмо.*

*Аё гулбутта, гулбутта,*
*Бигардон сӯи мо рӯта.*
*Китоби қалбҳо бикшо,*
*Бикун рози дарун ифшо.*

### МАҒЛУБИЯТ

**Ба модари фарзандонам**

*Зи абре то ба абре пар кушудам,*
*Фаротар аз ситеғи кӯҳсорон.*
*Расидам то ба боми арши аъло,*
*Нагаштам ғарқи ҳусни моҳи тобон.*
*Чаро дар назди ту осон шикастам?!*

*Накардам ҷазб анвори фалактоб;—*
*Само бар рӯ кашид қасри саҳобӣ.*
*Чу рӯ гардондам аз зарҳои анҷум,*
*Бишуд ҷо дар дилешон изтиробе.*
*Чаро дар назди ту осон шикастам?!*

*Малакҳое сипас парвона гаштанд,*
*Маҳ ангишту бишуд кон гӯӣ хуршед.*
*Магар танро сириштанд аз гили кибр,*
*Ки дар дил ишқи ҷононе нагунҷид?*
*Чаро дар назди ту осон шикастам?*

### Таҷоҳули орифона [3]

**ё ки шикоят аз қалам**

*Шеър бар лаб модарат оё бизод,*
*Аз Навоӣ, ё ки Ҷомӣ ин кушод?*

*Ё таҷоҳул мекунӣ, ай покзод,*
*То ба кай худро ба нодонӣ занӣ?*

*Дар гулистонҳо ҳамехонад калоғ,*
*Дар қафас булбул союяд синадоғ,*
*Беҳидоят ҳудҳудони боғу роғ,*
*То ба кай худро ба нодонӣ занӣ?!*

*Наърахои шер монад дар гулӯ,*
*Бабрҳоро нест қадру обрӯ,*
*Дар фароғат рӯбаҳони нармхӯ,*
*То ба кай худро ба нодонӣ занӣ?*

*«Халқ» гӯянду ғами худро хӯранд,*
*Дар либоси меш гусфандон даранд,*
*Тӯдае не одаманду не харанд,*
*То ба кай худро ба нодонӣ занӣ?*

*Сӯхт дил дар оташи ишқи Ватан,*
*Булбули шӯридаам дар ин чаман,*
*Мехӯрад тӯбе ба ҷои нон сухан,*
*То ба кай худро ба нодонӣ занӣ?...*

*Дар дуроҳа гоҳе монам хастаҷон,*
*Хонамат, ай хома, беҳиссу равон,*
*Андарунам оташе сӯзад ниҳон,—*
*То ба кай худро ба нодонӣ занӣ?!*

**Аз ӯзбекӣ тарҷумаи Абдулло Субҳон.**

***Шарҳ:***

*1. Дар Бухоро садбарги сафеди гулобирангро «Гулбутта» гӯянд.*

*2. «Ҳуш дар дам», «Назар бар қадам», «Сафар дар Ватан», «Хилват дар анҷуман»— чаҳор қоидаи асосии тариқати хоҷагони нақшбандия маҳсуб мешавад.*

*3. Таҷоҳули орифона—яке аз ҳунарҳои бадеӣ, ки нависанда бо сабабе худро ба нодонӣ меандозад ва суоле мекунад, ки ҷавобаш ба ӯ маълум аст.*

**Аз хазинаи адабиёти ҷаҳон**

## Ги де Мопассан

# Муҳокама

**(Новелла)**

На раиси маҳкамаву доддситон ва на вакили дорулқазо метавонистанд ба умқи ин асрор бираванд. Масъала ин буд, ки хидматгордухтар Прудон Розали ҳомиладориашро аз хоҷаҳои худ—зану шавҳар Варамбоҳо пинҳон дошта шабе баъди таваллуд кӯдакашро бо дасти худ кушта, дар боғ гуронда аст.

Бачакушӣ амали муқаррарие буд, ки одатан хидматгорзанон ба он даст мезаданд. Вале ҳолате номафҳум буд. Ҳангоми тафтиш аз утоқи гунаҳкор Прудон чанд ҷуфт ҷиҳози кӯдак ёфт шуд, ки дар бадали се моҳ бедорхобӣ кашида худаш дӯхта аст. Дӯкондор низ дар маҳкама шаҳодат дод, ки гунаҳкор аз дӯкони ӯ барои ин мақсад шамъ мехарид. Ба ҷуз ин рӯшан шуд, ки момодоя баъди дил кафондани духтар ба ӯ, дар ҳолати беимдодрас мондан, усулҳои дар танҳоӣ зоданро омӯхта будааст. Ҳатто доя барои Прудон аз Пуассо хилваткадае ҷустдааст. Зеро медонист, ки Варамбоҳо ҷиҳати ахлоқ сахтгиранд ва агар сир ошкор гардад, духтарро аз он даргоҳ меронданд.

Зану шавҳар, судхӯрони хурди музофотӣ ҳар ду дар муҳокама иштирок доштанд. Хашмзада буданд, ки ин фоҳиша шаъни оилаи онҳоро доғдор кардааст. Бетанаффус духтарро айбдор мекарданд ва мехостанд, ки ҳозирин бесуду муҳокима ӯро ба дами мошини сарбурӣ гузоранд.

Гунаҳкор—духтари қиёсан ҳушманду зебо аз Нормандияи Поён—ба пурсиши касе ҷавоб намедод, сарҳам танҳо ашк мерехт.

Гумон мерафт, ки ин сангдилӣ аз ӯ дар ҳолати яъсу навмедӣ ва беҳудӣ сар задааст. Тафтиш нишон медод, ки вай ба сад дил мехостааст, ки кӯдакаш намирад, ба воя расад.

Раиси маҳкама боз кӯшише ба харҷ дод, ки духтар ҳарф бизанад, ба хатоҳояш иқрор шавад. Чунон нарм ба сухан даромад ва бовар кунонд, ки ҷамъомадагон марги ӯро намехоҳанд ва хато метавонанд гуноҳашро бубахшанд.

Духтар тасмим гирифт, ки ҳарф бизанад. Раис пурсид:

—Қабл аз ҳама бигӯед, ки падари кӯдак кист? Прудон то ин лаҳза маҳз аз ҷавоби ин суол саркашӣ мекард.

Ин бор ғайричашмдошт ба хоҷаҳои худ, ки сари хашму ғазаб бароящ хилъати бӯҳтон мебофтанд, нигариста гуфт:

—Падари кӯдак ҷаноби Ҷозеф—бародарзодаи ҷаноби Варамбост!

Зану шавҳар як қад парида баробар фарёд заданд:

—Дурӯғ мегӯяд! Фиреб медиҳад! Тӯҳмати разилона аст ин!

Раис онҳоро ба хомӯшӣ водор намуд ва ба айбдор рӯ оварда афзуд:

—Хоҳиш мекунам, давом диҳед, гӯед, ки ин ҳама чи хел сурат гирифт?

Розали якбора кафид, дари дили шикаставу маҷрӯҳашро ба рӯи онҳое боз намуд, ки то ин ҳангом ҳамаашонро душмани худ, додгустарони сангдил мепиндошт:

Бале, падари кӯдак ҷаноби Ҷозеф Варамбост, ки соли рафта рухсатиашро дар ин ҷо гузаронида буд.

**(Давомаш дар саҳ.4)**

**Муҳсин УМАРЗОДА**

# Ҷилвагоҳи хирад ва дониш

## Ба муносибати ҳазораи Носири Хусрав

**(Давомаш. Аввалаш дар шумораҳои гузашта).**

Ин саволҳо ҷавоб наметалабанд, мисли ин, ки касе пурсад: «Магар инсон беобу ҳаво зиста метавонад?», пурсанда ба ин саволаш нияти ҷавоб гирифтан надорад, баръакс, худи ҳамин савол аҳамияти ҳаётии обу ҳаворо барои инсон қатъитар тасдиқ мекунад. Чунин саволҳоро таҷоҳули ориф мегӯянд, яъне кас дидаю донista, боз худро ба нодонӣ мезанаду мепурсад. Воқеан, дар пурсишҳои Носири Хусрав низ ҳоҷате барои мунозира нест. Бинобар ин ӯ аз баҳри саволҳо мегузарад ва афкори худро бидуни пурсиш баён мекунад.

Ба ақидаи файласуф худо ҳангоми офаридани одамизодагон ихтилофҳои зотиро аз миён набардошт, инсонро тавре офарид, ки шикамҳоро ҳариси тӯъма кард, то саги нафс одамро шабу рӯз аз паи хӯрок ба ҳар сӯ медавонад. Шоир ба худо муроҷиат мекунаду аз ӯ мепурсад, ки чаро моро аз ҳавлу даҳшати қиёмат метарсонӣ ва ба ташвиш меандозӣ? Агар матлаби ту моро ба дӯзах бурдан бошад, бигӯ, мо то каю чанд сахтӣ кашем ва узрхоҳӣ кунем? Агар ман гунаҳкор бошам, бифармо, ки маро ба дӯзах баранд! Ту дар ивази тоату ибодат ваъдаи биҳишт додаӣ, вале биҳишт музди тоат аст, на ҳиммати ту, ҳар кас бояд музди заҳмати худро бигирад. Мо хоҳ нек бошем, хоҳ бад, офаридаи ту ҳастем, агар, ки бадем, бад офаридан лозим набуд.

Чунин афкор дар ашъори Носири Хусрав хеле бисёранд, ки аксаран мутафаккирона ва омехта бо шаку инкор мебошанд. Вай дар мулоҳизоташ гоҳо аз худ фаротар меравад ва ба як ҳикояти Қуръонӣ дахл мекунад, ки бино бар он ба Одаму Ҳаво дар даргоҳи худо, яъне дар биҳишт наздик шудан ба дарахте манъ буд, вале онҳо бо таклифи чашидан аз мева ва бо васвасаи шайтон, ки вайро ҳам худо худаш офарида буд, аз меваи он дарахт бихӯрданд ва аз биҳишт на шайтон, балки Одаму Ҳаво ба сабаби нофармониашон ронда шуданд. Носири Хусрав чунин амалро ноодилона мешуморад, сипас мегӯяд:

**Лаби найрангро дар доми иблис**
**Кунад иблис таклифи чашидан...**
**Ту фармоӣ, ки шайтонро набояд**
**Каломи пурфасодашро шунидан.**
**Ту дар ҷилду рагам маъвош додӣ,**
**Занад чашмак ба феъли бад**
**давидан...**
**Ба мо фармон диҳӣ андар ибодат,**
**Ба шайтон дар рагу ҷонҳо давидан.**
**Ба мо исрор дорӣ дар раҳи рост,**
**Ба ӯ дар печу тоби раҳ буридан.**
**Ту гар хилқат намудӣ баҳри тоат,**
**Чаро боист шайтон офаридан?..**
**Ту к-аз даргоҳи хешат боз рондӣ**
**Чаро боист бар мо раҳ буридан?**

Дар замони шӯравӣ чанде аз олимон саъю кӯшиш карданд, ки Носири Хусравро чун як марди наздик ба беҳудоӣ (атеизм) ва моддагароӣ (материализм) тавсиф намоянд. Вале аслан ин тавр нест. Шоири файласуфи мо як марди худоҷӯ ва худопараст буд, барои инсон имон овардан ба худо, ба паёмбари ислом ва Қуръонро зарурӣ ва воҷиб медонист ва ҳар кас, ки чунин эътиқод надошта бошад, набояд ба раҳмати худо умедвор гардад. Дар айни замон Ҳаким Носир мақому мартабаи инсонро басо баланд мебардорад ва ба дараҷаи рӯҳулқудс мерасонад:

**Туӣ ҷони сухангӯи ҳақиқӣ,**
**Ки бо рӯҳулқудс дорад рафиқӣ.**

Дар ин байт «ҷони сухангӯй» ҳамон истилоҳи машҳури «нафси нотиқа» аст, ки Абӯалии Сино ва Насириддини Тӯсӣ ба кор бурдаанд ва аслан аз Арасту аст, ки дар китоби «Равон» («Рӯҳ») арза доштааст. «Рӯҳулқудс» равони пок буда, яке аз сифатҳои худо низ мебошад. Бинобар ин, шоир ин маъниро дар байте ба инсон рӯ оварда, баён мекунад:

**Сифотат аз сифатҳои худоист,**
**Туро ин равшанӣ з-он рӯшноист.**

Носир дар баробари ин, ки ҷавононро ба таҳсили илм даъват мекард, худ ба онҳо ибрат нишон медод: ӯ як умр дониш омӯхтаю дониш андӯхтааст. Вай ҳақиқатеро меҷуст ва барои дарёфти ин ҳақиқат аз рафтан ба сӯи хатарҳо ва тӯфонҳо низ худдорӣ наменамуд, бо уламои даври худ, ки асосан аҳли зоҳир (яъне аҳли суннат) буданд, баҳсу мунозира мекард, аммо бо он хотири тезу зеҳни расое, ки дошт, тангию норасоиҳои дониши онҳоро зуд ошкор менамуд. Вай ҷавоби пурсишҳои худро аз муддаиёни илму ҳақиқат намеёфту дучори изтироб ва парешонӣ мегашт. Шояд ба иллати ҳамин ковишу ҷустуҷӯ бошад, ки муддате чанд дар Синд, Ҳинд ва Туркистон бо соҳибназарони динҳои гуногун мулоқот ва мубоҳиса намуд. Носир, ба гуфтаи худаш, ҳоҷатеро, яъне он ҳақиқатеро, ки мехост бидонад, «аз порсию тозию аз ҳинду аз турк; в-аз фалсафию монавию собию даҳрӣ в-аз синду румию в-аз ибрӣ ҳама яксар» мепурсид.

Баҳсу мунозираҳои Носири Хусрав бо уламои аҳли ҳадис ҳам, ки ба гуфтаи ӯ, дар бисёр шаҳрҳо молашон аз ришва гирд омада, зӯҳдашон низ риёӣ ва дурӯғ буд, ҳеҷ яке аз гиреҳҳои ӯро боз накард. Вай аз шофеиёну ҳанифиён низ чизе донистанӣ мешуд, аммо онҳо назди саволҳояш оҷиз мемонданд ва ба худ печида, яке худро ба карӣ мезад, дигаре—ба кӯрӣ; яке ӯро барои дарёфти ҳақиқат сӯи Хутан мехонд ва дигаре сӯи Барбар. Ба ҳамин тариқ дарде ба ҷони Носир рахна мезад:

**Рӯям чу гул зард шуд аз дарди**
**ҷаҳолат,**
**В-ин сарв ба новақт бихаммид**
**чу чанбар.**

Ин чӣ ҳақиқате буд, ки Носири Хусрав дар ҳама ҷо онро ҷустуҷӯ мекард, гӯё, ки вай масъалаи ё ҳаёт ё мамоти худи шоир ба шумор мерафт. Муҳаққиқони исломӣ дар бораи мафҳуми ҳақиқат гуфтаанд, ки он зуҳури зоти ҳақ аст ва ягона асту нусхаҳои дигари он норавост. Ҳақиқат ва шариат боҳам пайванд мебошанд, зеро ҳақиқат рӯҳ асту шариат—ҷасад. Вале Ҳаким Носир дар бораи ҳақиқат аз мухолифони худ, аз намояндагони мазҳабҳо ва динҳои дигар чӣ чизҳоеро мепурсид ва аз онҳо чӣ посухҳоеро мешунид? Ва ин саволу ҷавобҳо дар китобҳои фалсафӣ ва мазҳабии ӯ то чӣ андоза истифода шуда, бозтоби худро ёфта бошанд? Ин масъалаҳоро шояд пажӯҳишгарони осори файласуф дар оянда равшан кунанд.

Дини ислом ба гунае сурат гирифт, ки аз он мазҳабҳо ба вуҷуд омаданд ва мазҳабҳои он ба фирқаҳо тақсим шуданд. Ва ҳар кадом ба таври худ роҳу равише доранд. Чунончи, пайравони фирқаи (ё шӯъбаи) ботиния, ки аз дохили мазҳаби исмоилия бархостаанд ва Носири Хусрав яке аз онҳост, аҳкомро аз тариқи ақлӣ ва фалсафӣ, бо роҳи далелу исбот баён менамуданд ва усули фалсафаи Юнонро дар даъвати худ ҷоиз мешумурданд; карматиҳо эътиқод ба имомат доштанд ва баробарии дороӣ ва вазъи иҷтимоии аҳли ҷомеаро тарғиб мекарданд; мӯътазилиён дар тамаддуни исломӣ боиси эҷоди як неҳзат ва таҳаввули бузурги фикрӣ шуданд ва мусулмононро бо улум ва фалсафа ошно мекарданд ва ғайра ва ҳоказо.

Метавон гуфт, ки Носири Хусрав пеш аз оғози сафари худ ҳанӯз ба оини ботинӣ ё исмоилӣ нагаравида буд. Вале агар гаравида ҳам бошад, ӯ наметавонист чунин амали худро ошкор намояд. Зеро аз аввали асри панҷуми ҳиҷрӣ аз хулафои Бағдод ба амирони Ғазнавӣ ва пас аз он ба султонҳои Салҷуқӣ пай дар пай дастур мерасид, ки ҳамаи пайравони исмоилия ва шӯъбаҳои он кушта ва ё ба ҷойҳои дур бадарға намуда, аз минбарҳо лаънат карда шаванд. Ва ин амирону султонҳо дастурҳои халифаро бо тамоми ҷидду ҷаҳд ва «аз фармуда зиёдатар» ба ҷо меоварданд, ки дар ин бора манбаъҳои хеле зиёди таърихӣ гувоҳӣ медиҳанд. Чунончи, Гардезӣ, ки аз муаррихони даврai Ғазнавӣ аст, менависад: «Чунин хабар оварданд амир Маҳмудро,...ки андар шаҳри Рай ва навоҳии он мардумони ботинимазҳаб ва қаромита бисёранд. Бифармуд, то касонеро, ки бад-ин мазҳаб муттаҳам буданд, ҳозир карданд ва сангрез (сангборон) карданд. Ва бисёр касро аз аҳли ин мазҳаб бикушт ва баъзеро бубаст ва ба Хуросон бифиристод, то мурданд андар қалъаҳо ва ҳабсҳо...». Ҳамчунин дар «Маҷмал-ут-таворих вал-қисас» омадааст, ки «мардуми он (Рай), ки ботинимазҳаб буданд, бисёреро ба дор овехтанд ва...кутуби фалсафӣ, мӯътазилӣ ва нуҷумиро сӯзонданд».

Иллати ҳамаи ин ҷаҳолату бедодгариҳо ин буд, ки бани Аббос, ки дар Ироқ хилофатро дар даст доштанд, аз афзоиши қудрати давлати Фотимиёни Миср—маркази шеа ва исмоилиёни ҷаҳон дар ҳарос буданд, вале Ғазнавиёну Салҷуқиён, дар навбати худ, исмоилиёнро несту нобуд карда, хилофати Мисрро аз тарафдорони фаъолаш маҳрум менамуданд ва боиси заифтар шудани он мегардиданд, дар натиҷа ба дастгирии моддию сиёсии Бағдод ноил мешуданд.

Бани Аббос ва Ғазнавиёну Салҷуқиён тамоми чораҳоро медиданд, ки исмоилиён ва пайравони шӯъбаҳои ононро бо дурӯғҳои афсонамонанд ва тӯҳматҳои аз воқеъият ниҳоят дур дар байни мардум ва бавижа дар миёни аҳли суннат беобрӯ ва бадном кунанд. Вазири Салҷуқиён Низомулмулк ҳам, ки барои шофеимазҳаб буданаш аз Алпарслон танбеҳ мешунид ва бинобар ин ҳамеша дар тарсу ҳарос буд, барои маъқул шудан ба шоҳ китоби умуман гаронбаҳои «Сиёсатнома»-ашро бо суханоне дар бораи исмоилия, ки ақли солим ба онҳо бовар надорад, олуда сохтааст. Аллома Қазвинӣ дар мавриди «Сиёсатнома» менависад: «...ағлаб матолиби он афсонаи сирф бахт (авомона), басит (густурда), ба куллӣ беасос ва хурофоти маҳз ва дурӯғи сареҳ (бепарда) ва ихтирооти мутааххирини каззоб аст».

Носири Хусрав дар чунин муҳити печида ва мураккаб сарфи назар аз он, ки ба дарборҳои амирону султонҳо роҳ ёфта, ба мансабҳои баланд ва унвонҳои «адиб», «дабири фозил», «хоҷаи хатир», яъне хоҷаи арҷманду бузургвор сазовор шуда буд, дар чиҳилсолагӣ аз кори девонӣ ва машғулият бо умури дунявӣ даст кашид.

**(Давом дорад.)**

# Тӯҳфа

Дар рӯзҳои ҷашнгирии санаи фаромӯшнопазир—12-солагии истиқлолияти Ӯзбекистон фарзандони аҳли меҳнати ноҳияи Шароф Рашидови вилояти Сирдарё соҳиби тӯҳфаи идона гаштанд. Гап дар сари он аст, ки дар ин ҷо коллеҷи касбии хоҷагии қишлоқ барои 450 талаба ба фаъолият шурӯъ намуд. Дар утоқҳои фароху равшан таҷҳизоти нави замонавӣ гузошта шудааст. Барои талабаҳо хобгоҳи дорои 100 ҷой амал мекунад. Коллеҷ дар зарфи 8 моҳ ба бунёд омад. Ба сохтмони коллеҷ 495 миллион сӯм маблағ харҷ гардид, ки онро ҷамъияти саҳҳомии «Ҳумо» ҷудо намудааст.

Инчунин дар Гулистон барои 450 нафар талаба коллеҷи педагогӣ сохта шуд. Барои азнавсозии бино 500 миллион сӯм сарф гардид.

**ОМИ «Туркистон-пресс».**

# Ду хабар аз водии Сурхон

## Дасти ёрӣ

Дар ноҳияҳои вилояти Сурхондарё ба оилаҳои серфарзанд ва ночор дасти ёрӣ дароз кардан шакли анъанавиро гирифтааст. Ин тадбир бо ташаббус ва дастгирии ҳокимиятҳо амалӣ мегардад. Аз ҷумла, шӯъбаи корҳои маданият, сандуқи хайрияи «Маҳалла» ва маркази «Маънавият ва маърифат»-и ноҳияи Сариосиё тӯи суннатии 12 оилаи камбизоати хоҷагии ширкати «Дӯстлик»-ро гузаронданд.

Баромади ансамбли назди шӯъбаи корҳои маданияти ноҳия ба ҳозирон хеле хуш омад.

## Баромади санъаткорон

Дар маҳаллаи «Зевар»-и хоҷагии ҷамоавии «Пахтакор»-и вилоят консерт ва тамошои театрикунонида намоиш дода шуд. Ҳозирон аз ноҳияҳои Сариосиё ва Узун аз баромади гурӯҳи эстрадаи хонаи маданияти ноҳияи Бандихон ба ваҷд омаданд. Дар айни вақт намоиши адабиётҳои сиёсӣ, китобҳо низ ташкил шуд.

**М.КАРИМОВА.**

**Ӯзбекистон—маъвои умумии мо**

# «Пирӯзӣ аз иттифоқ хезад»

Дар остонаи дувоздаҳумин солгарди истиқлоли кишварамон ҳаракати халқии «Халқ бирлиги»-и Ӯзбекистон шумораи ҷашнии рӯзномаи «Бирлик»-ро дар ҳаҷми 16 саҳифа, бо рангу ороиши аҷиб пешкаши хонандагон кард. Саҳифаҳои рангини ин нашрро хонда, хостам дар бораи рӯзнома ва баъзе масъалаҳои муносибатҳои миллӣ дар Ӯзбекистон мулоҳизаҳои худро баён намоям.

Аҳолии Ӯзбекистон гуногунмиллат аст. Чуноне ки Президенти мамлакат Ислом Каримов таъкид намудаанд, «намояндагони беш аз сад миллияту халқияте, ки Ӯзбекистонро Ватани худ медонанд, сарфи назар аз мансубияти миллӣ, забонӣ, динӣ чун аъзои хонаводаи ягонаву тифоқ зиндагӣ ба сар мебаранд».

Ҷашни истиқлоли Ватанамон хеле пуршукӯҳ гузашт. Он бори дигар ваҳдату ҳамбастагии халқҳои кишварро нишон дод. Дар маҳфилҳо ва тадбирҳои ҷашнӣ намояндагони миллатҳои мухталиф иштирок карданд, хусусан ширкати марказҳои миллии фарҳангӣ дар тантанаҳои ҷашнӣ шукӯҳи хосса бахшид. Боғи ба номи Бобури пойтахт дар рӯзи ҷашни истиқлол ба як назаргоҳе монанд шуда буд, ки намояндагони миллиятҳои гуногун ба забони модариашон гуфтугӯ мекарданд, таронаҳояшон навбат ба навбат садо медод. Агар таронаи тоҷикӣ танин меандохт, иштирокдорони маҳфил сарфи назар аз мансубияти забонию динӣ дасти ҳам гирифта, ба рақс медаромаданд. Ё баръакс аъзоёни маркази фарҳангии тоҷикони Тошканд—«Ориёно» ҳунарнамоии озариҳову туркҳо, арманиву яҳудиҳо, тоторҳову қазоқҳо ва дигаронро табрик мегуфтанд, ба ифтихорашон кафкӯбиҳо мекарданд. Дар рӯзнома рӯйхати 135 маркази миллии фарҳангӣ дарҷ шудааст. Ҳангоме ки рӯзномаи мазкурро варақ задам, низ он манзарае, ки тасвираш кардам, пеши назар пайдо шуд.

Рости гап, то ҳоло намедонистам, ки дар Тошканд маркази фарҳанги юнониҳо ва



полякҳо фаъолият дорад.

Раиси маркази миллии фарҳангии дунганҳои Тошканд М.Савуров дар мақолаи худ навиштааст: «чаҳор сол мешавад, ки дар назди марказ ансамбли вокалии рақсии «Чинме» амал мекунад, ансамбл дар тарғиби рақсу таронаҳои халқии дунганҳо саҳм мегузорад».

Аз мақолаи узви раёсати маркази фарҳанги арманҳои шаҳри Тошканд Владимир Сафаров воқиф шудам, ки дар пойтахти мамлакатамон даҳ сол боз литсейи якшанбегии арманҳо фаъолият дорад. Қариб 200 нафар фарзандони арманӣ дар ин марказ расму оин, забон ва фарҳанги худро меомӯзанд. Дар ин ҷо маҳфили театрӣ, рақс, ҳатто командаи мини-футбол низ ташкил шудааст».

Бо овардани ин далелҳои маълум гуфтанӣ ҳастам, ки дар кишвари мо барои ҳифзу равнақи забону фарҳанг, расму оинҳои тамоми миллиятҳо имконот фароҳам оварда шудааст.

Дар рӯзнома мақолаи журналисти номӣ, раиси маркази фарҳангии тоҷикони шаҳри Тошканд Ҳисомиддин Абдувалиев низ чоп шудааст. Муаллифи мақола аз фаъолияти маркази тоҷикон ҳикоя намуда, байти машҳури Шайх Саъдиро бамаврид зикр кардааст:

**Бани Одам аъзои**
**якдигаранд,**
**Ки дар офариниш зи**
**як гавҳаранд.**

Оре, мо сокинони ин диёри нозанин—Ӯзбекистон ҳама инсон ҳастем. Чӣ расад ба озодиву хушҳолии инсонҳо. Чӣ расад ба лаззати забони модариву фарҳанги миллӣ. Аммо осудаҳолии кишвар, ҳамбастагии халқҳо, амнияти инсонҳо пурарзиштарин неъмати зиндагист ва замонати тамоми корҳои созандагист.

Мавлонои Балхӣ беҳуда нафармудаанд, ки:

**Пирӯзӣ аз иттифоқ хезад,**
**Паркандагӣ зи нифоқ хезад.**

Аммо баъзан рафтори ҷоҳилонаи бархе аз ҳамватанонамон табъи касро хира месозад. Бисёр мушоҳида кардаам, ки дар автобусҳои шаҳрӣ бо сабаби ночизе инсонҳои солашон бузург якдигарро аз рӯи забон ё маҳалашон ҷудо карда, таъна ба ҳам мезананд. Ҳол он ки замони глобализатсия (ҷаҳонӣ шудан) сарҳади байни на фақат кишварҳои алоҳида, балки сарҳади байни қитъаву минтақаҳоро аз миён бардоштааст. Имрӯз ҳазорон ҳамдиёрони мо имкони дар хориҷа сафар намудан ё дар он ҷоҳо таҳсилу кор кардан доранд. Бо таъбири маъмул гӯем, дунё хеле кӯчак шудааст. Аз ин рӯ хонаи ободу дарҳояш барои дӯстон боз як роҳи хуби ҳамгароӣ ба ҷомеаи ҷаҳонӣ аст. Ӯзбекистонро ман чунин мебинам, он хонаводаи умумии мост!

**Малика САЛИМОВА,**
**донишҷӯи факултети журналистикаи байналхалқии Донишгоҳи давлатии забонҳои хориҷии Ӯзбекистон.**

